Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгохти давлатии молия ва иктисоди Точикистон дар суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳодшуда**

Дар кишварҳои ҷаҳон фаъолияти бонкҳои исломӣ дар ҳазорсолаи нав чун як ҷузъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ воқеияти объективӣ гардид ва чунин тамоюл дар иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷой дорад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, ҳангоми рӯй додани бухронҳо дар низомҳои молиявии аксарияти кишварҳои ҷаҳон бонкдории исломӣ доштани қобилияти истодагарӣ ва ҳимояи манфиатҳои худу мизоҷонро дар муқоиса бо бонкҳои анъанавӣ нишон дод. Аммо муваффақияти бонкдории исломӣ ҳамеша бо мушкилоти инфиродӣ ҳамшафат аст, ки тақозои таҳқиқотҳои доимиро мекунанд. Байни онҳо метавон раванди баҳодиҳии натиҷаҳои бонкдории исломиро махсусан ҷудо кард, зеро дар ин низом маҳсулотҳои меъёрии бонкӣ, шартномаҳои молиявӣ, номуайянӣ дар идоракунии хавфҳо, бозоргирӣ, ҳамкорӣ бо иштирокчиёни дигар ва ғайра мавҷуд нестанд.

Дуруст қайд гардидааст, ки дар ҷаҳони иқтисодӣ яке аз пурнуфузтарин инситутҳои молиявии ҷаҳонӣ ин бонкдории исломӣ мебошад, ки дар заминаи он рушди муносибатҳои ҳаматрафаи иқтисодӣ дар доираи маблағгузориҳои исломӣ ҳал карда мешаванд. Новобаста аз оне, ки фаъолияти бонкдории исломӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон маҳдуд мебошад, бонкҳои исломӣ дар бонкҳои анъанавӣ мавқеи аввалиндараҷа доранд. Аз ҳамин лиҳоз дар мақолаи мазкур муаллиф ба як қатор хусусиятҳои хоси бонкдории исломӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, дар он тафсири амалиёт ва хизматрасониҳои бонкдории исломиро мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба таҳқиқи амиқи масъалаҳои илмӣ дар самти бонкдории исломӣ унвонҷӯ як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Беҳтар меагрдид агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод сифати кор беҳтар мегардид;

1. Бояд довталаби дарачаи илмӣ самтҳои минбаъдаи рушди бонкдории исломиро дар кишвар мушаххастар нишон медод.

2. Унвонҷӯ бояд масъалаҳои рушди бонкдории исломиро аз нуқтаи назари санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор медод.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастоовардашуда ва таҳқиқоти амиқ анҷомгардида, автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Сардори Шуъбаи назорати бонкдории исломии
Департаменти назорати бонкии БМТ
н.и.и. Уроқова К.

Дурустии имзои Уроқова К-ро тасдиқ менамоям.
Сардори идораи кормандони БМТ Сайдвалиева О.С.

**Суроға.** Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1; Тел.: + (992) 44 600-32-27; Факс: + (992) 44 600-32-35; E-mail: info@nbt.tj